Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Қудратов Рустам Раҳматович ба диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, пешниҳод шудааст**

1. ***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ки дар автореферати диссертатсия оварда шудаанд, мувофиқат менамояд. Мавзуи интихобшуда ва муҳтавои тадкиқот ба самтҳои калидии ихтисос, аз ҷумла таҳлили иқтисодиёти соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати коркарди маҳсулоти он, механизми ташкилу идоракунӣ, такмили сиёсати иқтисодии давлатӣ ва рушди бозори маҳсулоти агросаноатӣ комилан мутобиқат дорад. Ҳар як боби кори илмӣ ба яке аз бандҳои Шиносднома иртиботи мустақим дошта, натиҷаҳои бадастомада дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ барои рушди иқтисодиёти комплекси агросаноатии кишвар мебошанд.

2. ***Мубрамии мавзуи таҳқиқот.*** Дар марҳилаи кунунии рушду тағйироти иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки бо ноустувории бозорҳои молиявию озуқаворӣ, шиддати рақобати байналмилалӣ ва афзоиши вобастагӣ аз омилҳои геополитикӣ тавсиф мешавад, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ

аҳамияти калидӣ касб кардааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки кишварҳое, ки стратегияи устувори воридотивазкуниро татбиқ намудаанд, на танҳо тавонистанд бозори дохилиро аз таъсири манфии тағйироти беруна ҳифз намоянд, балки сатҳи рақобатпазирии истеҳсолоти миллиро низ афзоиш диҳанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бахши агросаноатӣ яке аз асосҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, татбиқи босамари консепсияи воридотивазкунӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшт ва шир дорои чанд ҷанбаи муҳими стратегӣ мебошад:

– ҷанбаи иқтисодӣ – фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеҳсолоти ватанӣ, ташаккули занҷираҳои арзиши иловашуда ва паст намудани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ;

– ҷанбаи иҷтимоӣ – таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат, арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ки ба коҳиши бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ мусоидат мекунад;

– ҷанбаи экологӣ – ҳавасмандгардонии истеҳсолоти мутобиқ ба меъёрҳои устувории экологӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ;

– ҷанбаи содиротӣ – таҳкими потенсиали содиротӣ бо такя ба истеҳсолоти рақобатпазир ва баланд бардоштани мавқеи кишвар дар бозорҳои минтақавӣ.

Мавзуъ ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд то соли 2030 мутобиқат мекунад, зеро он рушди истеҳсолоти ватанӣ, коҳиши вобастагӣ аз воридот, таъмини суботи нархҳо ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолиро дар мадди аввал мегузорад. Дар ин замина, воридотивазкунӣ дар бахши маҳсулоти гӯшт ва шир на танҳо ҳамчун як сиёсат, балки ҳамчун як механизми муассири таъмини амнияти озуқаворӣ, таҳкими рақобатпазирӣ ва устувории иқтисоди миллӣ арзёбӣ мешавад.

Бо дарназардошти он, ки бахши чорводорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти аграрии кишвар аст, коркарди илмӣ ва амалии консепсияи воридотивазкунӣ, такмили

занҷираҳои арзиши иловашуда ва тақвияти ҳамгироии бозори дохилӣ бо истифода аз механизмҳои инноватсионӣ ва кластерӣ на танҳо ба беҳбуди нишондиҳандаҳои истеҳсолот, балки ба иҷрои ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд то соли 2030 мусоидат менамояд.

Бо таваҷҷуҳ ба далоили мазкур мавзуи кори доктории Ҳамдамзода Хурсанд Акбарро муҳим ва дорои аҳамияти илмиву амалӣ ҳисобидан мумкин аст.

***3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимояи пешниҳод мешаванд.*** Дар раванди таҳқиқоти докторӣ, муаллиф ба дастовардҳои илмие ноил гардидааст, ки дорои навоварии назаррас буда, ба рушди илми иқтисодиёт, бахусус дар самти воридотивазкунӣ дар соҳаи маҳсулоти гӯшт ва шир, саҳми назаррас мегузоранд. Аз ҷумла:

1. **Таҳияи асосҳои назариявии мутобиқгардонии консепсияи воридотивазкунӣ ба бахши кишоварзии кишвар.** Дар кор ба таври илман асоснок зарурати мутобиқ намудани моделҳои-воридотивазкунӣ ба шароити иқтисодию иҷтимоии кишвар таҳлил гардида, хусусиятҳои татбиқи он дар бахши агросаноатӣ, бо назардошти талаботи бозори дохилӣ ва имкониятҳои захиравӣ, муайян шудаанд.

2. **Коркарди таснифи нави механизмҳои ташкиливу иқтисодии воридотивазкунӣ.** Муаллиф як модели мукаммалеро пешниҳод намудааст, ки дар он механизмҳои ташкиливу иқтисодӣ вобаста ба сатҳи арзиши иловашуда, дараҷаи коркарди маҳсулот ва шаклҳои ҳамкории бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ гурӯҳбандӣ шудаанд.

3. **Моделсозии таъсири стратегияи воридотивазкунӣ ба устувории бозори маҳсулоти гӯшт ва шир.** Бо истифода аз усулҳои моделсозии иқтисодӣ, муаллиф таъсири маҷмӯи чорабиниҳои воридотивазкунанда ба танзими бозори махсулоти гӯшт ва ширро муайян намуда, нишон додааст, ки то чӣ андоза ин чораҳо метавонанд вобастагии воридотиро коҳиш дода, имкониятҳои содиротиро афзоиш диҳанд.

4. **Пешниҳоди модели кластерии рушди агросаноат.** Модели нави ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, ки ба воридотивазкунӣ нигаронида шудаанд, бо дарназардошти талаботи занҷири арзиши иловашудаи маҳсулоти гӯшт ва шир пешниҳод шудааст. Ин модел имкон медиҳад, ки ҳамаи иштирокчиёни занҷир - аз истеҳсолкунанда то фурӯшанда - дар як низоми ҳамоҳанг фаъолият кунанд.

5. **Таҳияи маҷмӯи тавсияҳои амалӣ барои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи воридотивазкунӣ.** Дар асоси таҳлили вазъи бозор ва таҷрибаи байналмилалӣ, муаллиф маҷмӯи чорабиниҳои сиёсати давлатӣ, аз ҷумла дастгирии молиявӣ, ҳавасмандкунии андозӣ, такмили инфрасохтор ва густариши ҳамкории давлатӣ - хусусиро, пешниҳод намудааст.

**Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

✓ муқаррароти назариявии консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ, ки бо истифода аз роҳу усулҳои оқилонаи истеҳсоли молу маҳсулоти ба кишвар воридшавандаи хориҷӣ рақобатпазирии ширкатҳои ватаниро таъмин менамояд (саҳ.18-30);

✓ асосҳои методии инкишофи бахши кишоварзӣ дар шароити кунунӣ, ки консепсияи воридотивазкуниро чун парадигмаи асосии рушд таъриф менамояд (саҳ.72-85);

✓ мухтавои сохтории механизмҳои ташкиливу иктисодии воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ аз дидгоҳи назария ва методологияи рушди босуботи иктисодӣ (саҳ.87-100);

✓ таносуби оқилонаи сиёсати протексионистӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳавасманд намудани истеҳсолкунандагони ватанӣ (саҳ.104-120);

✓ арзёбии миқёси хатар, муаммоҳои мавҷуд, мавонеъ ва омилҳои таъмини амнияти ғизоии аҳолии кишвар (саҳ.124-140);

✓ таҳлили комплексии рафтори истеъмолкунандагон ва раванди истеҳсолот, ки ба ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои пешқадам дар соҳаи соҳибкории кишоварзӣ вобаста аст (саҳ.144-178);

✓ механизми таъсиси кластерҳои агросаноатии воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир (саҳ.182-212);

✓ маҷмуаи тадбирҳо барои ташкил намудани ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар рушди кластери саноатӣ (саҳ.213-236);

✓ занҷири арзиши иловашудаи маҳсулоти гӯштӣ дар шароити воридотивазкунӣ ҷиҳати таъмини суботи нархӣ ва аз байн бурдани таъсири манфии омилҳои ғайрибозорӣ (саҳ.241-255);

✓ пешниҳодҳо ҷиҳати дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи чорводорӣ дар шароити татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ (саҳ.258-272);;

✓ асоснокнамоии техникӣ-иқтисодии лоиҳаҳои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар мисоли корхонаҳои парандапарварии водии Ҳисор ва хоҷагиҳои чорводории ширӣ, гӯштӣ ва гӯсфандпарварии вилояти Хатлон (саҳ.275-290);

***4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсияи ифодаёфта.*** Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида дар диссертатсия дорои дараҷаи баланди асоснокӣ ва муътамадӣ мебошанд. Онҳо бар пояи таҳлили мукаммали назариявӣ, омӯзиши васеи таҷрибаи байналмилалӣ ва коркарди маълумоти оморӣ, ки аз манбаъҳои расмӣ (мақомоти омор, вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои байналмилалӣ) дастрас шудаанд, таҳия шудаанд. Муаллиф усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодиро истифода бурда, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ, моделсозии иқтисодӣ, усулҳои экспертӣ ва таҳлили системаҳои бозориро ба кор гирифтааст. Муътамадии хулосаҳо бо истифодаи якчанд манбаъҳои иттилоотӣ ва санҷиши байниҳамдигарии нишондиҳандаҳо таъмин гардида, тавсияҳо бо дарназардошти вазъи воқеии иқтисодии кишвар, имкониятҳои захиравӣ ва ҳадафҳои стратегӣ таҳия шудаанд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот санҷишҳои амалиро гузашта, қисми онҳо дар амалия татбиқ гардидаанд, ки ин далели муҳимми эътимоднокии онҳо мебошад.

Муҳаққиқ пояи методологии кори диссертатсионии худро бар асоси маҷмӯи васеи принсипҳои илми иқтисод, назарияҳои муосири бозор, консепсияҳои воридотивазкунӣ ва амнияти озуқаворӣ, инчунин дастовардҳои илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия намудааст. Ин равиши методологӣ имкон додааст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф на танҳо аз нигоҳи назариявӣ асоснок бошанд, балки ба талаботи амалии иқтисодиёти комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷавобгӯ бошанд. Истифодаи усулҳои гуногуни таҳлил ва такя ба манбаъҳои боэътимод боис гардидааст, ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои пешниҳодшуда баланд бошад ва заминаи устувор барои тавсияҳои амалӣ фароҳам ояд.

**5. Ҳаҷм, *сохтори диссертатсия ва муҳтавои бобҳои алоҳидаи он, пайванди мантиқии тадқиқот.*** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боби матни асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии қисми асосии таҳқиқот 350 саҳифаро ташкил дода, дар он 35 ҷадвал, 21 расм ва шумораи зиёди формулаҳо, нақшаҳо ва моделҳои таҳлилӣ оварда шудаанд. Рӯйхати адабиёт аз 369 номгӯй иборат буда, манбаъҳои классикӣ ва муосири илмиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима масъалаи мубрамии мавзуъ дар заминаи афзоиши вобастагии кишварҳои дорои иқтисодиёти аграрӣ аз маҳсулоти воридотӣ ва зарурати татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ иброз мегардад. Муаллиф зарурати тадқиқи масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти гӯшт ва ширро нишон дода, дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ дар адабиёти илмӣ ва амалияро шарҳ медиҳад. Ҳамчунин, объект ва мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин таркиби асосии кор оварда шудаанд.

Боби якум – «Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ». Ин боб асосҳои назариявию методологии консепсияи воридотивазкуниро дар бахши кишоварзӣ фаро мегирад. Муаллиф моҳият, вазифаҳо ва принсипҳои консепсияро таҳлил

карда, робитаи он бо назарияҳои муосири иқтисодӣ ва моделҳои амнияти озуқаворӣ нишон медиҳад. Баррасии парадигмаҳои рушди иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дар кишварҳои дорои иқтисодиёти гузариш ва бозори нопурра ба иҷро расидааст. Таҷрибаи хориҷӣ (аз ҷумла Чин, Туркия, Русия ва кишварҳои ИДМ) дар татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, имконияти мутобиққунии он ба шароити Тоҷикистон арзёбӣ шудааст.

Боби дуюм – «Равишҳои ташкиливу иқтисодии воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ». Дар ин боб муҳтавои сохтории равишҳои ташкиливу иқтисодии воридотивазкунӣ ба таври муфассал таҳқиқ шудааст. Муаллиф механизми ташаккули равобити бозорӣ, нақши танзими давлатӣ ва хусусиятҳои ташкилӣ-иқтисодии бозори маҳсулоти гӯшт ва ширро дар заминаи воридотивазкунӣ меомӯзад. Усулҳои гуногуни татбиқи стратегия, аз ҷумла ташкили занҷирҳои арзиши иловашуда, кооператсия, кластерсозӣ ва шарикии давлатӣ - хусусӣ таҳлил мешаванд. Бо такя ба таҳлилҳои муқоисавӣ, афзалиятҳо ва нуқсонҳои ҳар як усул муайян карда мешаванд.

Боби севум – «Таҳлили самаранокии татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулотҳои гӯшт ва шир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Дар ин боб бо истифода аз маълумоти расмии оморӣ ва таҳлили иқтисодӣ, вазъи кунунии бозори маҳсулоти гӯшт ва шир дар Тоҷикистон баррасӣ мегардад. Муаллиф тамоюлҳои асосии рушдро дар солҳои охир муайян карда, таъсири воридот ва динамикаи истеҳсолоти дохилиро меомӯзад. Таъсири сиёсати давлатӣ, андозбандӣ, субсидияҳо ва дастгирии молиявӣ ба фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳаллӣ арзёбӣ мешавад. Ҷойгоҳи Тоҷикистон дар бозори минтақавӣ ва имкониятҳои иваз кардани воридот тавассути истеҳсолоти ватанӣ баррасӣ мегардад.

Боби чаҳорум – «Механизмҳои ташкиливу иқтисодии татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшту шир». Муаллиф дар ин боб ба таҳлили муфассали механизмҳои амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ мепардозад. Аз ҷумла:

– механизми дастгирии давлатии рушди соҳибкории аграрии воридотивазкунанда;

– механизми ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, ки ба воридотивазкунӣ нигаронида шудаанд;

– моделҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар ташкили корхонаҳои коркарди гӯшт ва шир.

Дар ин замина, намунаи модели кластерии саноати ширӣ бо марҳилаҳои амалигардонӣ ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ пешниҳод мешавад.

Боби панҷум – «Самтҳои афзалиятноки татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир». Боб ба таҳлили самтҳои афзалиятноки рушди бозори гӯшт ва шир бахшида шудааст. Муаллиф такмили равандҳои занҷири арзиши иловашуда, баланд бардоштани сатҳи инноватсия ва истифодаи технологияҳои коркарди амиқро зарур мешуморад. Дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи чорводорӣ ва тадбирҳои ташкили бозори устувори дохилӣ ҳамчун унсурҳои калидӣ муайян карда шудаанд. Пешниҳодҳо дар бораи афзалиятҳои воридотивазкунӣ ва имкониятҳои содиротӣ дар оянда низ дода шудаанд.

Сохтори диссертатсия пайванди мантиқӣ дорад: бобҳои аввал заминаи назариявӣ ва методологӣ фароҳам оварда, бобҳои минбаъда таҳлили вазъи амалиро иҷро намуда, дар қисмати охир тавсияҳои амалӣ ва самтҳои афзалиятноки сиёсати воридотивазкуниро пешниҳод мекунанд.

***6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.*** Натиҷаҳои тадқиқот дорои аҳаммияти назаррас дар самти рушди назариявӣ ва амалии иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошанд, зеро муаллиф заминаҳои илмӣ ва методологии такмилёфтаи консепсияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва ширро таҳия намудааст. Бо пешниҳоди равишҳои мутобиқшудаи таҷрибаи байналмилалӣ ба шароити миллӣ ва моделсозии механизмҳои кластерсозии истеҳсолоти аграрӣ, корҳои тадқиқотӣ саҳми муҳим дар таҳкими асосҳои

илмии ин соҳа гузоштаанд. Аз нигоҳи амалии кор, тавсияҳо ва механизмҳои пешниҳодшуда метавонанд дар сиёсати давлатӣ ва барномаҳои рушди бахши хусусӣ, махсусан дар самти коҳиши вобастагӣ аз воридот, татбиқ шаванд. Амалӣ гардондани онҳо имкон медиҳад, ки кластерҳои агросаноатӣ ва шарикии давлатӣ–хусусӣ ташаккул ёбанд, самаранокии истеҳсол боло равад ва инфрасохтори бозор мустаҳкам гардад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли дохилии маҳсулоти гӯшт ва шир, коҳиши воридот ва сарфа шудани захираҳои асъори хориҷӣ мусоидат мекунад, ки дар натиҷа рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва иқтидори содиротии кишвар тақвият меёбад. Илова бар ин, иҷрои чорабиниҳои пешниҳодшуда ба диверсификатсияи иқтисодиёт ва таҳкими устувории он мусоидат менамояд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, рушди истеҳсолоти дохилӣ ва бозори маҳсулоти гӯшт ва шир боиси фароҳам омадани ҷойҳои нави корӣ, болоравии сатҳи даромад ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад. Дастрасии васеъ ба маҳсулоти хушсифат, арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, инчунин таъмини субoти бозор ба баланд гардидани сатҳи бехатарии озуқаворӣ ва саломатии ҷомеа таъсири мусбат мерасонад.

**7. *Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар нашрияҳои илмӣ.*** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ҳамдамзода Хурсанд Акбар пурра дар нашрияҳои илмӣ ва маҷмӯаҳои мақолаҳо инъикос ёфтаанд, ки ба талаботи КОА мутобиқат доранд. Муаллиф натиҷаҳои асосии корро дар маҷмӯи мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тахассусӣ ва ба рӯйхати тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, интишор намудааст. Ин нашрияҳо ҳам мақолаҳои назариявӣ ва ҳам мақолаҳои амалӣ-таҳлилӣ ва таҷрибавиро дар бар мегиранд, ки дар онҳо ҷанбаҳои калидии консепсияи воридотивазкунӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшт ва шир баррасӣ шудаанд. Илова бар ин, як қатор гузоришҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардида, муҳокимаи илмӣ ва ҳамкории васеъ бо муҳаққиқон ва мутахассисони соҳа таъмин шудааст. Маводи интишоршуда на танҳо муҳимияти илмӣ ва навоварии

корро тасдиқ мекунад, балки нишон медиҳад, ки муаллиф тавонистааст натиҷаҳои худро дар муҳити илмӣ ба таври муассир муаррифӣ намояд.

***8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Диссертатсияи ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад.

Автореферат ва диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар пурра ба меъёрҳо ва талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат доранд. Ҳар ду ҳуҷҷат дорои сохтори муқаррааргардида буда, қисматҳои ҳатмӣ - муқаддима, бобҳои асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо - дар онҳо пурра риоя шудаанд. Муқоисаи муҳтавои автореферат бо матни пурраи диссертатсия нишон медиҳад, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои асосӣ дар ҳар ду санад ҳаммазмун буда, тафовутҳои мазмунӣ ё ихтилофоти назаррас дида намешаванд. Ҳамин тариқ, автореферат пурра манзараи илмӣ ва амалӣ-таҳлилии диссертатсияро инъикос намуда, барои шиносоии ҷомеаи илмӣ бо моҳият ва арзиши натиҷаҳои бадастомада мувофиқ ва кофӣ мебошад.

***9. Эродҳо ва тавсияҳо оид ба шаклгирии диссертатсия.***

1. Дар баъзе бобҳо ва зербобҳо муаллиф маводи назариявиро муфассал шарҳ додааст, вале пайваст кардани он бо қисми амалии тадқиқот на ҳамеша комил ва возеҳ анҷом ёфтааст. Масалан, ҳангоми баррасии таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи воридотивазкунӣ, муносибат ва фарқиятҳои байни шароити кишвар ва кишварҳои намунавӣ пурра ҷудо ва таҳлил нашудаанд.

2. Чанд ҷадвал ва расм (хусусан дар бобҳои III ва IV) дорои нишондиҳандаҳои умумӣ мебошанд, ки барои дарёфти қимати илман асосноки хулосаҳо зарурати муфассалтар кардани манбаъҳо ва шарҳи иловагӣ доранд.

3. Забон дар маҷмӯъ академӣ ва ба меъёрҳои корҳои илмии докторӣ мувофиқ аст, аммо дар баъзе ҷойҳо ҷумлаҳо хеле тӯлонӣ ва бо сохтори

душвор хонда мешаванд. Ин метавонад фаҳмиши маводро барои хонанда душвор гардонад ва тавсия мешавад, ки минбаъд қисман соддасозӣ ва ҷудокунии ҷумлаҳои мураккаб анҷом дода шавад.

4. Ҳангоми таҳлили самаранокии татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ (боби III), арзёбии таъсири чораҳои пешниҳодшуда ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва микросатҳ (аз ҷумла сатҳи нарх, ҳачми истеҳсолот, ва рақобатпазирӣ) асосан дар сатҳи сифатӣ анҷом ёфтааст. Бо вуҷуди истифодаи як қатор маълумотҳои оморӣ, дар бисёр ҳолатҳо модели иқтисодсанҷии миқдорӣ ё ҳисобҳои сенариявӣ барои исботи қувваи пешгӯикунандаи хулосаҳо пешниҳод нашудаанд, ки ин метавонад дараҷаи муътамадии натиҷагириро маҳдуд созад.

5. Сохтори умумии диссертатсия пайдарҳамии хуб дорад, аммо гузаришҳо байни баъзе зербобҳо каме ногаҳонӣ менамоянд. Масалан, гузариш аз таҳлили вазъи бозори дохилӣ ба пешниҳоди модели кластерӣ дар боби IV ниёз ба як қисмати миёнарави шарҳдиҳанда дорад, то мантиқ ва зарурати гузариш равшан гардад.

6. Дар қисмати хулосаҳо баъзе аз пешниҳодҳо мустақиман ба таҳлилҳои дар бобҳо зикршуда такя намекунанд ё робитаи мустақимашон ба натиҷаҳои мушаххас комилан нишон дода нашудааст.

7. Дар бархе мавридҳо такрори андешаҳо ва ҷумлаҳо мушоҳида мешавад, ки метавонад бо ихтисори қисмҳои такрорӣ ва мутамарказ кардани матн бар идеяҳои калидӣ ҳал гардад.

***10. Хулосаи умумӣ ба диссертатсия.*** Диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар ба мавзӯи дорои аҳаммияти баланди илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бахшида шуда, ба ҳалли як қатор масъалаҳои калидӣ дар соҳаи кам кардани вобастагӣ аз воридот ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ равона шудааст. Муаллиф тавонистааст ҷанбаҳои навро, аз ҷумла механизмҳои кластерӣ ва шарикии давлату бахши хусусиро дар соҳаи воридотивазкунӣ таҳия ва асоснок намояд. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ҳамчун замина барои таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегии

рушди соҳаи чорводорӣ, такмили инфрасохтори агросаноатӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ истифода шаванд.

Умуман, диссертатсия дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, пешниҳод шудааст, ба талаботҳои КОА-и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 32, 33, 34 ва 35 Низомномаи "Тартиби додани дараҷаи илми", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи "30" июни соли 2021 бо таҳти рақами №267 (қарори Хукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295) тасдиқ гардидаст, мутобиқ буда, муаллифи он Ҳамдамзода Хурсанд Акбар сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи таҳлили
иқтисодии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Қудратов Р.Р.

Имзои д.и.и., профессор Қудратов Р.Р. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.

25.07.2025

734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14. Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Телефон: +992 (37) 2273075
Сомона: www.tgfeu.tj; E-mail: info@ddmit.tj